**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба доктори илмҳои филологӣ Ҳомидов Дилмурод Раҷабович ба диссертатсияи Зоиров Холмурод дар мавзуи “Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар забоншиносии тоҷик таърихи на он қадар тулонӣ дошта, дар пояи баррасии унсурҳои луғавӣ, сохтори калимаҳо дар ин ё он асар корбастшуда ва мансубияти забонии онҳо сурат гирифта, ин мақсад бо иҷрои вазифаҳои гуногун робитаи зич дорад. Диссертатсияи номзадии мазкур ба таҳқиқи вижагиҳои сохторию маъноии маводи ономастикии асари *«Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ»* бахшида шудааст. Баррасӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди баррасӣ қароргирифта ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқи *Зоиров Холмуродро* ташкил дода, тамоми маводи гирдовардашуда дар се боб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Забони адабии форсии тоҷикии охири қарнҳои XV ва ибтидои асри XVI дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ мақому манзалати хоссеро касб менамояд ва ин давр як навъ давраи гузариш аз забони адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ба марҳилаи нав – забони адабии муосири тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр маҳсуб меёбад ва то кунун роҷеъ ба забони осори адибони ин давра ҳарчанд чандин кори таҳқиқотӣ ба анҷом расида бошад ҳам, аз ҷумла забони осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ба таври алоҳидагӣ омӯхтаву таҳқиқ нагардидааст. Маҳз барои ҳамин мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Зоиров Холмурод дар мавзуи “Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ” дар нудрати таҳқиқи масъалаи вомвожаҳо дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дида мешавад ва бо ҳамин васила паҳлуҳои дигари мақоми Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таърихи забони адабӣ муайян карда мешавад.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба ҷойгоҳи вомвожаҳои осори мансури адиб Ҳусайн Воизи Кошифӣ, бавижа аз нигоҳи маъниофарӣ, сохтор ва амсоли инҳо дар осори мансури адиб ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши вомвожаҳои осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифиро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи Ҳусайн Воизи Кошифиро дар истифодаи вомвожаҳои чи арабӣ ва чи ғайриарабӣ муайян менамояд ва ҳамзамон вижагиҳои асосии мавҷуд будани ҷанбаҳои таърихияти осори ӯро ба қадри қудрат муайян месозад. Барои ба ин ҳадаф расидан кӯшиш шудааст, ки заминаҳо ва марҳилаҳои инкишофи таърихи забони адабии тоҷикро муайян намуда, ин масъаларо алоқаманд бо роҳҳои инкишофу мукаммалгардии таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ таҳқиқ карда, нақши вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабиро дар инкишофи забони адабии давр муайян кунад. Ҳамчунин вазифаи дигари таҳқиқ мушаххас намудани зинаҳо ва вижагиҳои истифодаи вомвожаҳо дар осори мансури адиб ва муайян намудани нақши онҳо дар такомули таркиби луғавии ҳам забони осори мансур ва ҳам забони адабии ин давр муаррифӣ мешавад. Дар ин замина унвонҷӯй роҳҳои воридшавии вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабиро дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамчун ҷанбаи муҳимми забонӣ ва пурғановатгардонии онҳо арзёбӣ карда, ҷойгоҳи вомвожаҳоро дар эҷодиёти адиб муайян кардааст.

Унвонҷӯй Зоиров Холмурод дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, нахустин маротиба вижагиҳои луғавию сарфии вомвожаҳои арабию ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба таври нисбатан мукаммал ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳқиқи илмӣ карда, вижагиҳои луғавӣ, сарфии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст ва мақому ҷойгоҳи вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабиро аз нигоҳи сохтор, маъно ва қолибҳо таҳлил кардааст.Ҳамчунин дар диссертатсия роҳу равиши шаклгирии вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрии адиб Кошифӣ ба таври мукаммал таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Зоиров Холмурод дар мавзуи “Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ” пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар ба дарсҳои курсу семинари махсус аз таърихи забони адабии тоҷик, махсусан дар охири асри XV ва ибтидои қарни XVI мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва ҳамчунин вожаҳои махсус эҷоднамудаи адибро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода карда, аз тарафи муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта мешавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари нависандагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ошноӣ бо коргоҳи адабии нависанда ба сифати сарчашмаи адабӣ, илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хизмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои фарҳангиву таърихӣ дар адабиёти бадеӣ ва махсусан дар омӯзиши инкишофи забони адабии тоҷик мавриди васеи истифода қарор гирад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **8** мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод **4** мақола дар маҷаллаҳои тақри зшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор,

муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи **Зоиров Холмурод дар мавзуи “Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забоншиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.


**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,**
**кӯчаи Дилкушо, 28.**
**Телефон: (+992) 907798265.**
**E – mail: homidov65@mail.ru**


«25» январи соли 2024.

**Имзои Ҳомидов Дилмуродро тасдиқ мекунам:**


**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj


«25» январи соли 2024.